# Аз таърихи парчам ва парчамдории тоҷикон

Нашир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 24 Ноябр, 2025 - 17:31
[1]

Нақши Парчам дар таърихи ҳар як давлат ба таври хоса арҷгузорӣ карда шуда, маҳз бо Парчами худ кишварҳои дунё аз қадим то ба имрӯз ба ҷаҳониён фарҳангу таърих, маънавиёт, муваффақияту комёбиҳо ва пешравиҳои худро муаррифӣ менамуданду менамоянд.
Таърихи пайдоиши парчамаз давраҳоиқадим маншаъ гирифта,мардумони сайёра дар тули таърих аз рамзу нишонаҳои гуногун истифода мекарданд ва бо ҳамин ба кадом авлод ва ё қабила мансубият доштанашонро ба дигарон муаррифӣ менамуданд. Ҳамин тавр, парчамҳои аввалин дар шаклҳои гуногун бо инъикоси расмиҳайвоноту парандаҳоазқабилишер,уқоб ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд. Масалан, давлати Миср, ки 26 сулолаи Фиръавнҳо идора карда буданд, парчами худро доштанд. Мисриёни қадим, ки шоҳинро муқаддас мешумориданд, парчами худро низ дар шакли шоҳин сохта буданд. Онҳо шоҳинро рамзи Худои Ра ҳимоятгари Фиръавнҳо ва давлати Миср медонистанд. Лашкари Миср вақте ба ҷанг мерафт, парчамбардорон пеш-пеши он парчами Миср-Шоҳинро мебурданд.
Империя Румниз соҳиби парчами худ буда, рамзи асосӣдар парчами онҳо, тасвирёфта уқоб буд. Соли 104-и пеш аз милод бо пешниҳоди консул Марий, парчами Рум ва рамзи тамоми легионҳои ҳарбии рум уқоби болҳояш кушода қабул карда шуд. Минбаъд ба ин парчам ҳалқаи тиллоӣ, найза, сипар ва навиштаҷоти SPQR (Сенат (Парлумон) ва шаҳрвандони Рум) илова карда шуд. Ин парчамро румиҳо муқаддас шуморида, то барҳамхурии Империяи худ онро истифода мекарданд.
Дар ҷангҳопарчам нақши муҳимро бозида, ҳар як давлат ба ҷанг бо парчами худ меомад. Аз даст додани парчам дар ҷанг маънии бохтанро дошта, боиси шикаста шудани руҳияи сарбозони он давлат мешуд. Аз ин хотир ҳар лашкар парчами худро муҳофизат мекард, то ба дасти душман наафтад.
Аз ҷониби бузургтарин шахсияти таърих-Куруши Кабир, соли 550 пеш аз милод империяи Ҳахоманишиҳо таъсис дода шуд. Ин давлат низ соҳиби парчами миллии худ буд. Дар парчами Ҳахоманишиниҳо уқоби болкушода ва дар болои сари уқоб офтоб тасвир ёфта буд.
Давлати Сосониён низ соҳиби парчами худ буда, он Дирафши Ковиён ном дошт. Парчами Сосониён аз матои қиматбаҳои чоркунҷаи ғафс сохта шуда, бо сангҳои қиматбаҳо оро ёфта буд. Ин сангҳои қиматбаҳоро ҳар як шоҳе, ки ба сари қудрат меомад, ба ин парчам зам мекард. Дар болои парчам уқоби болкушода ва офтобе, ки дар парчами Ҳахоманишиҳо тасвир ёфта буд, ҳамчун сарнайза сохта шуда, дар поёни парчам матоъҳои сурху кабуду зарди борик овезон буданд. Мутобиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣсангҳои қиматбаҳое, ки дар парчами Сосониён буданд, арзиши андози як вилоятро доштанд. Лашкари Сосониён соли 636 дар ҷанги Қадисия парчами худ - Дирафши Ковиёнро аз даст дода, аз ҷониби арабҳо шикаст хурданд.
Анъанаи бо парчами тунуку ҳарири парафшон, ки дар чӯбе мустаҳкам карда шудааст, дар Хилофати Араб дар замони Муҳаммад пайғамбар (с) ба вуҷуд омада буд. Парчами нахустини Муҳаммад пайғамбар ранги сиёҳ дошт ва баъдан он ба парчами ранги сабз иваз карда мешавад.
Соли 1753 манғитиҳо дар Бухоро ба сариқудрат омаданд. Соли 1785 хони манғит - Шоҳмурод хонигарии Бухороро ба Аморат табдил дода, худро амир эълон кард. Парчами Аморати Бухоро сабз буда, дар байнаш тасвири моҳ ва як ситора дошт. Ҳамзамон, дар парчам панҷаи даст ва бо хатти арабӣкалимаи тавҳид навишта шуда буд.
Соли 1924 дар ҳудуди Осиёи Миёна тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ гузаронида шуд. Хушбахтона, моҳи октябри ҳамон сол Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Бо ташкили Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон зарурати қабули парчами он ба миён омад. Бояд қайд кард, ки аз соли 1924 то соли 1991 мо нуҳ парчамро қабул кардем, ки дар зер нишон дода шудаанд.
Парчами Ҷумҳурии мухтори шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1924-1928.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1929-1931.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1931-1935.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1935-1936.

Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1936-1938.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1938-1940.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1940-1953.
Парчами Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон дар солҳои 1953-1991.
Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1991-1992.

Ҷумҳурияи Тоҷикистон соли 1991 истиқлоли комилро ба даст оварда, зарурати қабул кардани парчами нав ба миён омад. Бояд қайд намуд, ки қабули Парчами давлатии Чумҳурии Точикистон таърихи худро дорад. Парчами давлатии Ҷумҳурии Точикистон дар Иҷлосияи 16-уми Шурои олии ҶумҳурииТоҷикистон, рӯзи24-уми ноябри соли 1992 тасдиқ карда шуд. Санаи 25-ноябри соли 1992 рамзи нави давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон- Парчами давлатии Чумҳурии Тоҷикистон ба толори Шурои олӣ ворид карда шуд ва аввалин маротиба раиси тозаинтихоби ҳамонвақтаи Шурои олии ҶумҳурииТоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Парчами давлати сари таъзим фуруд оварда,қасам ёд намуд.

24-уми ноябри соли 2009 бори аввал дар Тоҷикистон «Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷашн гирифта шуд. Дар ин рӯз бо ташаббуси Ҳукумати шаҳр аз хиёбони маркази пойтахт, парчами дарозиаш 1500 метр ва бараш 7 метр гузаронида шуд. Инчунин, дар шаҳрҳо, вилоятҳо, ноҳияҳо ва муассисаҳои давлатӣ парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон барафрохта шуда, таҷлили Рӯзи парчами Тоҷикистон гузаронида шуд.

Бо ташаббуси Пешвои миллат санаи 30 августи соли 2011 дар маркази шаҳри Душанбе парчами Тоҷикистон бунёд шуд, ки баландии он 165 метр буда, баландтарин пояи парчами давлатӣ дар мамолики ҷаҳон маҳсуб ёфта, он ба китоби рекордхои Гиннес ворид гардид.

9-уми сентябри соли 2011, рӯзи таҷлили 20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон аз майдони маркази пойтахт парчами дарозиаш 2011 метр, бараш 7 метр ва вазнаш 860 кг гузаронида шуд.

Таърих нишон дод, ки дар сояи ин парчам миллати тоҷик сарҷамъ шуда, марҳилаи душвори таърихиро паси сар намуд, ба ҷанги шаҳрвандӣхотима бахшид ва сулҳу амниятро ба даст овард.

Бигузор парчами Тоҷикистони соҳибистиклол доимо дар фазои ороми кишвари маҳбубамон парафшонӣ намояд. Ҳамин тавр Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон симои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин парчам то абад пойдор бимонад.

Дар таҳияи
Мирзозода Мирзошариф Одина
сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои махсуси
Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

- 

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/az-tarihi-parcham-va-parchamdorii-tochikon?mini=2026-02&page=4

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/586610732_122181790688462396_5530958849813514276_n.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/585191122_122181790730462396_6752568566899927185_n.jpg [4] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/586610732_1221817906884623966_5530958849813514276_n.jpg